# ТАҚРИЗ
# БА АВТОРЕФЕРАТИ РИСОЛАИ ИЛМИИ КОМИЛОВА КАМИЛА НАВРУЗОВНА ДАР МАВЗӮИ “ТАКМИЛИ СТРАТЕГИЯИ МАРКЕТИНГИИ РУШДИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР ДАВРАИ МУОСИР” БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 5.2. – ИҚТИСОДИЁТ (5.2.26. – МАРКЕТИНГ)

Гузариш ба низоми дузинагии бонкдорӣ шароит фароҳам овард, ки маркетинги бонкӣ шакл гирад ва давра ба давра ҳамчун субъекти муҳими иқтисодӣ рушд ёбад. Илова ба ин, маркетинги бонкӣ дар пешрафти муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ нақши калидиро иҷро намуда, дастрасии аҳолиро бо маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ меафзояд. Гузариш ба бонкдории рақамӣ (мобил-бонкинг, интернет-бонкинг) тарзи муоширатро бо мизоҷон комилан дигар кард. Маркетинги муосири бонкӣ барои тарғиби хизматрасониҳои рақамӣ ва осон кардани таҷрибаи кории мизоҷон (User Experience) нақши калидӣ мебозад. Бӯҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ, ки пайваста ба амал меоянд, ба низоми бонкӣ низ таъсири манфии худро мерасонанд. Ин омил тақозо менамояд, ки ташкилотҳои қарзӣ дар бозор фаъолияти худро мутобиқ ба шароити навини иқтисодӣ роҳандозӣ намоянд ва доираи маҳсулотҳои пешниҳодшавандаро дар асоси маркетинг тақвият бахшанд. Аз автореферати рисолаи илмӣ маълум аст, ки диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулоса, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда, феҳристи интишороти илмии муаллиф ва замимаҳо иборат аст. Автореферат тибқи талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст. Объект ва субъекти рисола дуруст интихоб гардида, вобаста ба самти мавзуи таҳқиқотшаванда тартиб дода шудаанд. Чи тавре, ки аз автореферати мазкур дида мешавад, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, то паҳлӯҳои назариявӣ-амалии мавзӯи интихобгардидаро ба таври васеъ ва саҳеҳ ба риштаи таҳқиқ кашад ва метавонем зикр намуд, ки дар ин самт муаллиф муваффақ низ гаштааст.

Аз автореферат ба назар мерасад, ки Комилова Камила Наврузовна ҳангоми пажӯҳиш рушду инкишофи маркетинги бонкиро ба таври васеъ дида баромадааст. Инчунин, омилҳои ба ин раванд таъсиррасон ва бартарафкунии онҳо ба таври возеҳ баррасӣ гардидаанд, ки баҳои илмии рисоларо боз ҳам боло мебаранд. Унвонҷӯ муаммоҳои ҷойдошта дар самти маркетинги бонкиро муайян намуда, роҳҳои бартарафсозии онҳоро тавсия намудааст, ки ин метавонад дар рушди соҳаи мазкур нақши муҳим дошта бошад.

Дар баробари аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва нуктаҳои муҳим, автореферат аз норасоиҳо низ орӣ нест, ки ба ақидаи мо инҳоянд:

1. Барои хубтар гардидани сифати автореферат зарур аст, ки мубрамияти мавзӯъ дар автореферат ба таври васеъ шарҳ дода шавад;
2. Расмҳое, ки дар автореферат оварда шудаанд, ба таври васеъ таҳлил нагардидаанд.

Метавон зикр намуд, ки эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти муаллифро коҳиш намедиҳанд ва ҷиҳати баланд бардоштани сифати автореферат баён гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, метавон қайд намуд, ки автореферати рисолаи илмии Камилова К.Н. дар мавзӯи “**ТАКМИЛИ СТРАТЕГИЯИ МАРКЕТИНГИИ РУШДИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР ДАВРАИ МУОСИР**” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси **5.2. – ИҚТИСОДИЁТ (5.2.26. – МАРКЕТИНГ)** пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Низомномаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси болозикр мебошад.

Тақриздиҳанда:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
мудири кафедраи кори бонкии ДМТ
«10» 02 2026 с. Ғаюров Ғ.Ҳ.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел.: (+992) 93-770-43-49, **Email:** gayrat-gayurov@mail.ru

Имзои н.и.и., дотсент Ғаюров Ғ.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
«10» 02 2026с. Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел.: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10, **Факс:** (+992-37) 227-15-10, **Email:** info@tnu.tj